Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ 3

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи
3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон
ба нашр тавсия намудааст*

Нашри нав



Тошканд – 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УУК 75(075.3)
КБК 85.1Я72
С 28

*Мураттибон:*
**Рустам Худайберганов, Татяна Ли, Барно Юнусова, Сарвар Фармонов, Орзу Ташмухамедова**

*Муҳаррири масъул:*
**Асқарали Сулаймонов**

*Муқарризон:*
**Зиёдилла Бобомуродов** – мудири кафедраи санъати тасвирии Донишкадаи меъморӣ ва сохтмони Тошканд, дотсент.
**Дилноза Туланова** – иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи санъати тасвирии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ.
**Акром Вапаев** – омӯзгори фанни санъати тасвирии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 14-уми ноҳияи Қибрайи вилояти Тошканд.
**Дилноза Мирхакимова** – омӯзгори фанни санъати тасвирии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 260-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд.

## Аломатҳои шартӣ:

 – супориш

 – ҷамъбасти дарс

 – саволҳо

 – вазифаи хонагӣ

*Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.*

*Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.*

ISBN 978-9943-7813-5-1
© Маркази таълими Республика, 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

Муқаддима ....................................................4

**Боби 1. ГРАФИКА**

**Мавзӯи 1.** Жанрҳои натюрморт ва манзара дар графика. Формат ..................8

**Мавзӯи 2.** Кашидани нақши роҳшакл ..............................................10

**Мавзӯи 3.** Нур – соя. Тасвир намудани тасмаи парафшон ..........................................12

**Мавзӯи 4.** Кашидани натюрморт, ки аз 2-3 намуди мева сохта шудааст ..............14

**Мавзӯи 5.** Кашидани натюрморт дар мавзӯи “Кӯза ва сирпиёз” ..................16

**Мавзӯи 6.** Кашидани натюрморт дар мавзӯи “Нони танӯрӣ” ..........................18

**Мавзӯи 7.** Кашидани натюрморт дар фони сиёҳ бо ранги сафед ................20

**Мавзӯи 8. Кори назоратии 1.**
Тасвир намудани “Пиёз” ............................22

**Мавзӯи 9.** Дар фони ранга бо ранги сиёҳ тасвир намудани манзара .........................................24

**Боби 2. ҲАЙКАЛТАРОШӢ.**

**Мавзӯи 10.** Намудҳои ҳайкалтарошӣ ..................................................26

**Мавзӯи 11.** Саёҳат ба устохонаи кулол ................................................28

**Мавзӯи 12.** Сохтани ҳайкалчаҳои бозичаҳои миллӣ ................30

**Мавзӯи 13.** Нозу неъматҳои дастархон ...................................................32

**Мавзӯи 14.** Кор кардани ҳайкал дар асоси афсонаи “Зан, калтак!” ............34

**Мавзӯи 15. Кори назоратии 2.**
Кор кардани афсона дар мавзӯи “Қаҳрамонони афсона дар атрофи арчаи солинавӣ” ............................36

**Мавзӯи 16.** Кор кардани ҳайкал дар мавзӯи “Хирсчаи қутби шимолӣ” ...........38

**Боби 3. РАНГТАСВИР**

**Мавзӯи 17.** Рангинкамон. Рангҳои асосӣ ва ҳосила. Омехтаи рангҳо..............................................42

**Мавзӯи 18.** Рангҳои ахроматикӣ. Кор кардани расми “Харгӯшча” ...............44

**Мавзӯи 19.** Рангҳои хроматикӣ. Кор кардани расми “Моҳича” ...................46

**Мавзӯи 20.** Рангҳои хунук. Кор кардани расми “Қуи сафед” ..............48

**Мавзӯи 21.** Рангҳои ширгарм. Кор кардани расми “Бачаи паланг” ........50

**Мавзӯи 22.** Кор кардани расми “Мусича” ................................................52

**Мавзӯи 23.** Паррандаи декоративӣ. Кор кардани расми “Товус” .......................54

**Мавзӯи 24. Кори назоратии 3.**
Кор кардани расм дар мавзӯи “Олами табиат” ...........................................56

**Мавзӯи 25.** Тасвир кардани тағйирёбии дарахтон дар табиат вобаста ба фаслҳои сол ..............................58

**Мавзӯи 26.** Ранг ва кайфият. Кор кардани расм дар мавзӯи “Иди Наврӯз” ...............................................60

**Боби 4. КОМПОЗИТСИЯ**

**Мавзӯи 27.** Кор кардани композитсияи фазоӣ дар мавзӯи “Баҳор дар кӯҳ” .............................64

**Мавзӯи 28.** Кор кардани композитсия бо усули коллаж дар мавзӯи “Парвоз ба кайҳон” ...............66

**Мавзӯи 29.** Статика ва динамика ...........68

**Мавзӯи 30.** Кор кардани композитсия дар намуди кушода ва пӯшида .........................................70

**Мавзӯи 31.** Ритм дар композитсия ........72

**Мавзӯи 32. Кори назоратии 4.**
Кор кардани композитсия дар мавзӯи “Боғи ҳайвонот” ..............................74

**Мавзӯи 33.** Кор кардани композитсияи плакат дар мавзӯи “Табиатро муҳофизат намоед” .................76

**Мавзӯи 34.** Кор кардани шрифти композитсияи плакат дар мавзӯи “Табиатро муҳофизат намоед” .................77

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзони азиз! Шумо дар синфи 2-юм тавассути китоби дарсии “Санъати тасвирӣ” маълумотҳои аввалин оиди “Графика”, “Ҳайкалтарошӣ”, “Рангтасвир” ва “Композитсия”-ро омӯхтед. Шумо дар кор бо тасвирҳои графикӣ, аз гил ва пластилин сохтани ҳайкалҳои ҳаҷмдори барҷаста ва мудаввар, ранг кардани тасвирҳои кашидашуда, сохтани композитсия дар асоси мавзӯъ малакаҳои амалӣ пайдо кардаед. Шумо дар синфи 3-юм ҳам бо пайдарпайии бобҳо баробари омӯхтани мавзӯъҳои ҷолиб, малакаҳои нави рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ, сохтани композитсияҳои эҷодиро ҳосил мекунед.



*Анвар Мамаҷонов.*
*Иллюстратсия ба маҷмӯаи*
*“Масалҳои хурд”-и М. Худойқулов.*



*Леким Ибрагимов. Аз силсилаи*
*“Оҳанги гузашта” иллюстратсияи*
*“Нони гарм”.*



*Александр Ли. Линогравюраи*
*“Тобистон”.*



*Галина Ли. Автолитографияи*
*“Хуш омадед”.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби 1
# ГРАФИКА

**Графика** аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маъноҳои “мекашам”, “менависам”-ро мефаҳмонад. Дар графика тасвир бо ёрии қалам, ангишт, қаламҳои ранга, ручкаҳои шарикдор, туш, фломастер, бӯр ва монанди онҳо тасвир карда мешавад.

**Графика** – намуди санъати тасвирӣ. Дар графика тасвир асосан сафед-сиёҳ, инчунин, рангдор кор карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Патхулла Хаитов**
**(соли 1947 таваллуд шудааст)**

*“Дар давоми умрам ба ман фақат одамони хуб дучор омаданд, меҳри онҳо ва наздиконамро эҳсос карда зиндагӣ карда истодаам. Ман мехоҳам, ки он дар асарҳои ман инъикос ёбад ва аз онҳо гармӣ бедор шавад”.*

Патхулла Хаитов соли 1947 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Пас аз хатми Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод (собиқ Донишгоҳи Театр ва рассомӣ ба номи А.Н. Островский) дар донишгоҳи мазкур фаъолияти меҳнатии худро ба сифати муаллим ва устои таълими устохонаи литография оғоз кардааст. Ҳоло ҳозир якчанд асарҳои Патхулла Хаитов дар бонки Миллии Ӯзбекистон, Туронбанк, музейи Санъати давлатии Ӯзбекистон, дар дирексияи намоишгоҳи Академияи бадеии Ӯзбекистон, музейи Санъати давлатии Қӯқанд, дар музейҳою коллексияҳои шахсии давлатҳои Германия, Франсия, Мӯғулистон, Ҳиндустон, Литва ва Россия нигоҳ дошта мешавад. Аз силсилаи “Ишқи Ватан” “Шом”, “Таровати бозор”, аз силсилаи “Бачагӣ” “Ҳавлии саҳрой”, “Субҳ”, “Ду чинор”, “Манзара. Оқтош”, “Ин ҳаёт” барин асарҳояш табиати ба худ хос ва манзараҳои диёрамонро тараннум намудааст.



*Аз силсилаи “Бачагӣ”:*
*“Боғи сангҳо”.*



*Аз силсилаи “Бачагӣ”:*
*“Зери осмони мусаффо”.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*“Бародарам аз армия баргашт”.*



*Аз силсилаи “Шаҳри кӯҳна”: “Танӯрчиҳо”.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 1

# ЖАНРҲОИ НАТЮРМОРТ ВА МАНЗАРА ДАР ГРАФИКА. ФОРМАТ

**Натюрморт** калимаи фаронсавӣ буда, маънои табиати беҷонро ифода менамояд. Дар ин жанр ашёҳо, мева ва сабзавотҳо, гулҳо, ашёҳои гуногуни аз гаҷ сохташуда ба таври худ нигаронида тасвир карда мешавад. Кашидани натюрморт қоидаҳои худро дорад ва бояд ба он риоя карда шавад.

**Дар жанри манзара** кӯҳҳо, ҷангалзорҳо, саҳроҳо, ҷӯй, кӯл, дарёҳо, кӯча ва хонаҳо тасвир карда мешаванд.

Тавассути ин жанр рассомон муҳаббатро нисбат ба табиат ва Ватан ифода мекунанд. Тасвири манзараҳои табиат дар санъати рассомии қадимаи Чин пайдо шудааст. Дар жанри манзара низ расмкашӣ дар асоси қоидаҳои мушаххас талаб карда мешавад.

**Формат** – сарҳади майдони тасвири коркардшаванда мебошад. Форматҳои маъмултарини тасвирҳо росткунҷаҳо (вертикалӣ, уфуқӣ), квадратҳо мебошанд. Тасвирҳои дар формати росткунҷаи амудӣ коркардшуда ба боло ҳаракат намуда, ҳисси бузургӣ медиҳанд. Формати уфуқӣ мураккаб буда, барои композитсияҳои бисёрченака қулай аст. Композитсияҳое, ки ҳолати оромиро ифода мекунанд, асосан дар шакли квадрат кор карда мешаванд.



*Орзу Ташмухамедова.“Натюрморт”.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ҳайдарова Нодирабегим.*
*“Миниатюра”.*



*Согдиана Юсупова. “Наврӯз”.*



*Жамшид Нишонов.*
*“Манзара”.*



*Жамшид Нишонов.*
*“Натюрморти декоративӣ”.*

Дар жанри натюрморт ё манзара дар формати дилхоҳ ба дафтари машқ расм кашед.

1. Калимаи натюрморт чӣ маъно дорад?
2. Ҷиҳатҳои ба худ хоси жанри манзара кадомҳоанд?
3. Кор кардани манзараи табиат дар куҷо пайдо шудааст?
4. Формат чист?

Дар формати дилхоҳ тасвири манзара ё натюрморт кашед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 2 КАШИДАНИ НАҚШИ РОҲШАКЛ

Нақши роҳшакл аз якчанд қисмҳо ташкил меёбад. Ба ин гул, барг, навда, унсурҳои мева ва схемаҳои дохили роҳ хатҳои ёрирасон дохил мешаванд. Дар коркарди нақшҳои роҳшакл, пас аз кашидани роҳ ба коғази сафед он бо хатҳои ёрирасон ба қисмҳои баробар тақсим карда мешаванд.

Элементҳо дар хатҳои ёрирасони схема ба таври ритмикӣ ҷойгир карда мешаванд. Такрор кашидани элементҳо дар дохили роҳ нақшҳои роҳшаклро ҳосил мекунанд. Ороишҳои нақши роҳшаклро дар ашёҳои хонаамон, сару либос, девори ёдгориҳои меъморӣ ва музейҳои санъати амалӣ ороиши диданамон мумкин аст.

## Марҳилаҳои кашидани нақшҳои роҳшакл

1



2



3



4





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







Нақши роҳшаклро ба дафтари машқ кашед.

1. Нақши роҳшакл аз кадом қисмҳо иборат аст?
2. Ороишҳои нақши роҳшаклро дар кучаҳо диданамон мумкин аст?

Нақши роҳшаклро аз қаламҳои ранга истифода бурда ранг кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 3

# НУР – СОЯ. ТАСВИР НАМУДАНИ ТАСМАИ ПАРАФШОН

**Нур-соя** дар ҳама чизҳои ҳастӣ мавҷуд буда, мо бо ёрии рӯшноӣ ва соя ҳама чизҳои дар атрофи худро дар шакли ҳаҷмдор мебинем. Нур ва соя дар ашё мувофиқи қоидаҳои муайян ҷойгир карда мешавад:

- Блик – тобноктарин қисми ҷисм (ҷойи нури офтоб афтида).
- Рӯшноӣ – қисми ҷисм аст, ки нур меафтад.
- Нимсоя – қисми байни рӯшноӣ ва соя аст.
- Соя – қисми ҷисм, ки рӯшноӣ намеафтад.
- Рефлекс – ин инъикоси нури ба як қисми сояафкани ҷисм афтода мебошад.
- Сояи афтанда – сояи ашёест, ки ба замин ё миз меафтад.











*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои тасвири тасмаи парафшон дар усули графикӣ

1



2



3





Тасмаи парафшонро бо усули графикӣ ба дафтари машқ кашед.

1. Маънои истилоҳи "блик" чист?
2. Соя кадом қисми ҷисм аст?
3. Истилоҳи “нимсоя” чӣ маъно дорад?

Тасвири тасмаи парафшонро бо усули графикӣ ба охир расонида биёед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 4

# КАШИДАНИ НАТЮРМОРТ, КИ АЗ 2-3 НАМУДИ МЕВА СОХТА ШУДААСТ

Анор яке аз меваҳои тирамоҳӣ мебошад, ки бо мазза ва намуди зоҳирии худ моро шод мегардонад.

Анор ба сифати шоҳи меваҳо таъриф карда мешавад.

Қади буттаи анор то 6 метр мешавад. Он дар моҳҳои май – июл гул мекунад. Меваҳояш вобаста ба мазза ва намуди зоҳирӣ ба навъҳои гуногун тақсим мешаванд. Анор рамзи хушбахтӣ ва фаровонӣ аст.

Баландии дарахти хурмо ба ҳисоби миёна 2-3 метр аст. Дарахти хурмо дар қисми ҷанубии Ӯзбекистон дар охири моҳи апрел аввали моҳи май гул мекунад. Меваҳояш дар моҳи октябр пухта мерасанд. Меваҳои пухтааш зардчатоб, пухта гузаштааш бошад, қаҳваранг - сиёҳчатоб мешаванд.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кашидани натюрморт аз анор ва хурмо

1


2


3


4


Натюрмортҳои анор ва хурморо ба дафтари машқ тасвир намоед.

1. Қади буттаи анор то чанд метр мешавад?
2. Меваи анор чӣ тавр таъриф карда мешавад?
3. Намудии зоҳирии меваи хурмо чӣ гуна аст?

Натюрмортҳои анор ва хурморо истифода аз қаламҳои ранга ранг кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 5

# КАШИДАНИ НАТЮРМОРТ ДАР МАВЗӮИ “КӮЗА ВА СИРПИЁЗ”

Истилоҳи “конструксия” баъзе қисмҳои шакли тасвир мешударо ба қисмчаҳо ҷудо карда, дастгоҳашро ҳосил намуданро ифода менамояд.

Дар натюрморт дар мавзӯи “Кӯза ва сирпиёз” аввал симметрия ва хатҳои ёрирасони кӯза ва сирпиёз, шакли умумиаш кашида мешавад. Барои мақсади нишон додани ҷойгиршавии фазоии кӯза ва сирпиёз дастгоҳи конструктивӣ кашида гирифта мешавад. Пас аз якхела будани таносуби дақиқи дастгоҳ дар натюрморт ва тасвири ашёҳо, намуди рӯшноӣ ва сояро ба усули графикӣ коркард намуда, тасвири натюрморт ҳосил карда мешавад.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кашидани натюрморт дар мавзӯи “Кӯза ва сирпиёз”

1



2



3



4



Натюрморт дар мавзӯи “Кӯза ва сирпиёз”-ро ба дафтари машқ тасвир намоед.

1. Ба мақсади нишон додани ҷойгиршавии кӯза ва сирпиёз дар фазо чӣ тасвир карда мешавад?
2. Истилоҳи “конструксия” ҳосил намудани кадом шакли кашидашавандаро ифода мекунад?

Натюрморти “Кӯза ва сирпиёз”-ро бо усули графикӣ ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 6

# КАШИДАНИ НАТЮРМОРТ ДАР МАВЗӮИ “НОНИ ТАНӮРӢ”

Дар вақти бо усули графикӣ кашидани натюрморт дар мавзӯи “Нони танӯрӣ” аввал натюрмортро мушоҳида кардан лозим аст. Дар ин чӣ гуна ҷойгир кардани коғаз муайян карда гирифта мешавад. Агар паҳноии нон аз бараш калон бошад, коғазро ҳамвор мегузоранд, агар қадаш аз бараш калон бошад, коғазро амудӣ мегузоранд. Натюрморт бояд тавре ҷойгир карда шавад, ки нур аз паҳлӯ афтад. Ҳар як шакл дар рӯйи коғаз бо хатҳои ёрирасони сабук кашида ҷойгир карда мешавад.

Пас аз он ки натюрморт зина ба зина кашида шуда, ба асл монандӣ ҳосил мекунад, қисмҳои рӯшноӣ ва соя бо усули графикӣ штрихонида кор карда мешавад.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои тасвири натюрморти “Нони танӯрӣ”



Натюрморт дар мавзӯи “Нони танӯрӣ”-ро ба дафтари машқ тасвир намоед.

1. Пеш аз кашидани натюрморт бо усули графикӣ чӣ бояд кард?
2. Агар паҳноии нон аз қадаш калонтар бошад, коғаз чӣ гуна гузошта мешавад?
3. Пас аз шабоҳати натюрморт ба асли худ кадом вазифа иҷро карда мешавад?

Натюрморти “Нони танӯрӣ”-ро ба таври графикӣ ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 7

# КАШИДАНИ НАТЮРМОРТ ДАР ФОНИ СИЁҲ БО РАНГИ САФЕД

Кашидани натюрморт бо ранги сафед дар фони сиёҳ яке аз роҳҳои ҷолибтарини кор бо графика дар натюрморт мебошад. Баъзан контраст дар графика, яъне рангҳои сафед ва сиёҳ барои ифодаи қавитар истифода мешавад. Тасвир дар фони хокистарии сиёҳ ё торик бо бӯри сафед, қалами рангаи сафед ё гуаш кашида мешавад. Корро аз қисмҳои равшаншуда оғоз намудан лозим меояд. Қисмҳои соя бошад, бо фон якҷоя мешавад ва дар он тасвир контрастдор, аниқ, ифодадор ҳосил мешавад.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кашидани натюрморт дар фони сиёҳ бо ранги сафед




Дар мавзӯи “Кашидани натюрморт дар фони сиёҳ бо ранги сафед”-ро ба дафтари машқ кашед.

1. Яке аз роҳҳои ҷолиби иҷрои натюрморт дар графика кадом аст?
2. Марҳилаҳои кашидани натюрмортро номбар кунед.

Натюрмортро ба усули графикӣ ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 8

# КОРИ НАЗОРАТИИ 1. ТАСВИР НАМУДАНИ “ПИЁЗ”

Кашидани расми “Пиёз”, ки шакли мудаввар дорад. Дар кори назоратӣ натюрморти пиёз бо яке аз усулҳои графикӣ иҷро карда мешавад. Шаклро бодиққат мушоҳида карда, амудӣ ё уфуқӣ гузоштани коғазро ишорат менамоянд. Дар асоси марҳилаҳои кашидани натюрморт тасвир дар рӯйи коғаз бо истифода аз хатҳои ёрирасон ҷойгир карда мешавад. Натюрморт бо фломастери сиёҳ, туш ва қаламҳои ранга дар асоси қонунияти рушноӣ – соя бо усули графикӣ кашида мешавад.

1


2


3


4


Дар асоси қонунияти рушноӣ – соя расми “Пиёз”-ро ба дафтари машқ кашед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 9

# ДАР ФОНИ РАНГА БО РАНГИ СИЁҲ ТАСВИР НАМУДАНИ МАНЗАРА

Ҳангоми кашидани тасвири манзара қадам ба қадам ба қоидаҳои перспектива риоя мекунанд.

Рассом ҳангоми кор кардани манзара нахуст аз табиат илҳом гирифта манзараеро интихоб мекунад, ки, писанд омада бошад. Намоиши манзараро бо истифода аз усулҳои гуногуни графикӣ кашидан мумкин аст. Яке аз намудҳои ҷолибтарини кори манзара дар графика усули кашидани рӯйи коғази ранга бо истифода аз контури қалами сиёҳ ва тиреҳо мебошад. Дар марҳилаи якуми ин усул қисмҳои рӯшноӣ – сояи манзара бо хатҳои тунук ишорат карда мешавад. Дар марҳилаи оянда он бо туши сиёҳ ё фломастер кор карда мешавад ва тасвири графикӣ ҳосил карда мешавад.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кашидани манзара бо ранги сиёҳ дар фони ранга

1


2


3


4


Расм дар мавзӯи “Дар фони ранга бо ранги сиёҳ тасвир намудани манзара”-ро ба дафтари машқ кашед.

Дар марҳилаҳои тасвири манзара ба кадом қоидаҳо риоя мекунанд?

Тасвири манзараро бо усули графикӣ ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби 2
# ҲАЙКАЛТАРОШӢ

**Ҳайкалтарошӣ** – як намуди санъати тасвирӣ буда, ҳастиро дар шаклҳои ҳаҷмдор, тасвири сеченака асосонида шудааст. Дар тасвир асосан одам, инчунин ҳайвонот (анималистӣ), табиат (манзара) ва чизҳо (натюрморт) кор карда мешавад.

**Ҳайкал** – калимаи арабист, ки маънояш “шакли калон, бузург” мебошад. Ҳайкалтарошӣ мисли рангтасвир рӯйдодҳои ҳаётро бо истифода аз услубу усулҳои гуногун, инчунин ашёи хом ифода мекунад. Дар ҳайкалтарошӣ санг, металл, гаҷ,  тахта ва масолеҳҳои монанди инҳо васеъ истифода мешавад. Асарҳои ҳайкалтарошӣ бо роҳи буридан, часпонидан, пайваст кардан, кандакорӣ ва рехтагарӣ сохта мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 10

# НАМУДҲОИ ҲАЙКАЛТАРОШӢ

**Ду намуди асосии ҳайкалтарошӣ** – имкони аз ҳар тараф давр зада тамошо кардан дорад мудаввар (доирашакл) ва фақат аз як тараф дидан пешбинӣ шудааст барҷаста (тасвири барҷаста, релйеф) мавҷуд аст.

**Релйеф** – тасвире, ки дар сатҳи ҳамвор (девор) барҷаста коркард шудааст.

**Релйеф** – ба навъҳои барелйеф ва горелйеф ҷудо мешаванд.



**Дар горелйеф** ғафсии нисфи бештари тасвир барҷаста меистад.



**Дар барелйеф** камтар аз нисфи ғафсии тасвир барҷаста сохта мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири барҷаста

1



2



3



4



1. Чанд намуди асосии ҳайкалтарошӣ вуҷуд дорад?
2. Релйеф ва барелйеф чист?
3. Горелйеф чист?

Дар ягон намуди ҳайкалтарошӣ аз гил ё пластилин ҳайкалча созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 11 САЁҲАТ БА УСТОХОНАИ КУЛОЛ

**Кулолгарӣ** – як навъи ҳунармандӣ мебошад, ки аз гил ашёи гуногун сохта мешавад. Ашёи хоми асосии кулолгарӣ хоки соз мебошад. Асбоби асосии корӣ чархи кулолгарӣ ҳисобида мешавад. Усто бо ёрии чарх зарфҳои гуногуни сафолинро тайёр мекунад ва ба онҳо шакл медиҳад. Зарфҳои сафолини тайёр карда шударо хушк мекунанд ва дар хумдон пухта мекунанд. Зарфҳои хуб хушкшударо бо истифода аз рангҳои махсуси омода кардашуда, нақшҳо кашида мешавад, сипас дар хумдонҳо дар ҳарорати баланд хушк мекунанд. Зарфҳои бо сир пӯшонидашуда бори дигар дар хумдон тафсонида мешаванд.

### Кулол усто Умар Ҷӯрақулов (солҳои 1894-1973)

Рассоми халқии Ӯзбекистон, кулол Умар Ҷӯрақулов ба санъати кулолгарии кишварамон, ки анъанаи дерина дорад, саҳми арзанда гузошта, ба мактаби кулолгарии муосири Самарқанд асос гузоштааст.

Умар Ҷӯрақулов соли 1894 дар Самарқанд ба дунё омада, вориси сулолаи 300-солаи кулолгарон аст.

Солҳои 1930-юм устод Умар Ҷӯрақулов ба кашидани нақш дар зарфҳои кулолгарӣ шурӯъ кардааст. Кулолгар дар тӯли фаъолияти худ дар намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалии санъати амалӣ иштирок кардааст. Нақшҳо ва ороишҳои кашидаи усто ба зарфҳои сафолин ва табақҳо, бо зебоӣ ва рангорангии худ ҷудо шуда меистад.



*"У. Ҷӯрақулов" Г. Улко.*



**Пластилинография** – шакли нави санъати амалии ороишӣ мебошад. Дар он тасвири ашёи нимшакл, ки аз пластилини рангашон гуногун каму беш ёки бисёр барҷаста ҳосил шудаанд, ба сатҳи уфуқӣ кашида мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири барҷастаи усто кулол

1


2


3


4


1. Ашёи  хоми асосии кулолгарӣ чист?
2. Дар кулолгарӣ асбоби асосии корӣ чӣ ҳисобида мешавад?
3. Рассоми халқии Ўзбекистон, усто кулол Умар Ҷўрақулов ба кадом мактаби кулолгарӣ асос гузоштааст?
4. Пластилинография чист?

Тасвири усто кулолро аз гил ё пластилин кор карда ба охир расонед ва тасвири дигар вакили касбу ҳунари ихтиёриро созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 12

# СОХТАНИ ҲАЙКАЛЧАҲОИ БОЗИЧАҲОИ МИЛЛӢ

**Ҳайкалчаҳои хурди пластикӣ** – андозаашон наонқадар калони ҳайкалчаҳои дастгоҳӣ мебошанд.

Ҳайкалчаҳои хурди пластикӣ аз масолеҳи сангҳои қиматбаҳо, гил, чиннӣ, шиша сохта мешаванд. Ҳайкалчаҳои хурди пластикӣ одамонро шод мегардонанд, ҷевон ва мизҳои навиштро оро медиҳанд.

Якҷоя мо ҳайкалчаи хурди пластикии баррачаро месозем.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои сохтани ҳайкалчаи баррача

1



2



3



4



1. Пластикаи хурд чист?
2. Ҳайкалчаҳои хурди пластикӣ аз кадом маводҳо сохта мешаванд?

Боз як ҳайкалчаи дигари бозича кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 13 НОЗУ НЕЪМАТҲОИ ДАСТАРХОН

Дастархон матоест, ки ҳангоми таомхӯрӣ истифода мешавад ва онро бо хӯроквориҳои гуногун оро медиҳанд. Дар мардуми мо дастархон рамзи меҳмоннавозӣ аст. Пас аз гузоштани дастархон аввал нон мегузоранд. Баъд ба сари дастархон чой меоранд. Сипас дигар нозу неъматҳо гузошта мешаванд.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани ҳайкал дар мавзӯи “Нозу неъматҳои дастархон”

1


2


3


4


1. Дар мардуми мо дастархон рамзи чӣ ҳисобида мешавад?
2. Дар асоси мавзӯъ марҳилаҳои сохтани ҳайкалро фаҳмонида диҳед.

Дастархони густурдаатонро бо зарфи дигар ва меваҳо пур кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 14 КОР КАРДАНИ ҲАЙКАЛ ДАР АСОСИ АФСОНАИ “ЗАН, КАЛТАК!”

“Зан, калтак!” – афсонаи аҷоиби халқи ӯзбек. Пирамард ва лаклак қаҳрамони асосии афсона мебошад.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани ҳайкал дар асоси афсонаи “Зан, калтак!”

1



1



2



2



3



3



1. “Зан, калтак!” афсонаи кадом халқ аст?
2. Қаҳрамонҳои асосии афсонаи “Зан, калтак!” киҳо мебошанд?

Ҳайкалчаҳои дар асоси афсонаи “Зан, калтак!”-ро ба охир расонед.
Қаҳрамонҳои ягон афсонаи дигарро ҳам кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 15

## КОРИ НАЗОРАТИИ 2. КОР КАРДАНИ ҲАЙКАЛ ДАР МАВЗӮИ “ҚАҲРАМОНОНИ АФСОНА ДАР АТРОФИ АРЧАИ СОЛИНАВӢ”

**Соли нав** – яке аз идҳои дӯстдоштаи калонсолон ва бачаҳо аст. Дар соли нав натиҷаҳои соли гузашта ҷамъбаст карда, ҳама ба ҳамдигар орзуҳои нек мекунанд.

Ин ид дар гузариши таътили шавқовари зимистонии бачагон низ аҳамияти калон дорад. Онро ба таври анъанавӣ дар бисёр кишварҳо дар атрофи арча ҷашн гирифтан одат шудааст. Дар арафаи Соли нав бачаҳо интизори ташрифи Бобои барфӣ ва Маликаи барфӣ мешаванд.



### Марҳилаҳои кор кардани ҳайкал дар мавзӯи “Қаҳрамонони афсона дар атрофи арчаи солинавӣ”

1  2  3 

1  2  3 



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE













1. Соли нав чӣ гуна ид ҳисобида мешавад?
2. Ҳайкалчаҳои сохташударо дар асоси мавзӯъ таҳлил кунед.

Композитсияҳои дар дарс коркардшударо бо қаҳрамонҳои дигар пур намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 16

# КОР КАРДАНИ ҲАЙКАЛ ДАР МАВЗӮИ “ХИРСЧАИ ҚУТБИ ШИМОЛӢ”

**Хирси сафед** – ширхӯрест, ки ба оилаи хирсмонандҳо мансуб буда дар шимол зиндагӣ мекунад. Дарозии танааш 2-2,5м, баъзан то 3 м, вазнаш то 800 кг мерасад. Танааш бо пӯсти ғафс ва пашми сафед, баъзан хокистарранг пӯшонида шудааст. Вакили асосии олами ҳайвоноти Арктика аст. Ғизои асосии хирсҳои сафед моҳӣ мебошад. Ба ҳарорати паст хуб мутобиқ шудааст, панҷаҳояшон хуб инкишоф ёфта буда, ғизои худро дар об бемалол шикор мекунанд. Думаш кӯтоҳ аст, дар байни пашми ғафсаш қариб ноаён аст. Имрӯз аз сабаби кам шудани саршумораш хирси сафед ба Китоби сурхи байналмиллалӣ дохил карда шудааст.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани ҳайкал дар мавзӯи “Хирсчаи қутби шимолӣ”

1



2



3



4



5



6



Хирсҳои сафед дар куҷо зиндагӣ мекунанд?

Ҳайкалчаи “Хирсчаи қутби шимолӣ”-ро дар болои яхҳо ҷойгир намуда созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Чориев Рӯзи Чориевич (1931-2004)

Рӯзи Чориев (1931-2004) устои рангтасвир аст. Академики фахрии Академияи бадеии Ӯзбекистон. Рассоми халқии Ӯзбекистон Рӯзи Чориев дар асарҳои худ манзараҳои кишварро бо рангҳои дурахшон моҳирона тасвир кардааст. Эҷодиёти ӯ ба рангтасвир барои руҳияи миллӣ, урфу одатҳо маҷмӯаи образҳои одамони машҳурро дохил карданаш, аҳамияти алоҳида дорад. Портретҳои ӯ (“Ҳамзамонам”, “Портрети дӯстам”, “Арӯс. Сӯзанаи шоҳӣ”, “Фиръавн. Портрети мард”, Мӯйсафеди бойсунӣ”, “Духтари пошхурдӣ – Барно”, “Пирамарди сайробӣ”, “Зимистон. Автопортрет”), дар мавзуъҳои маишию таърихӣ (“Сӯҳбат”, “Шоми Хумсон”, “Кони Олтинтопган”, “Най. Бачаи чӯпон”, “Бойсун”, “Баҳор. Манзараи Шеробод”, “Боғҳо”) ва бисёр асарҳояш машҳуранд. Рӯзи Чориев ба тарғиб намудани санъати тасвирӣ дар Ӯзбекистан фидокор буд: бо ташаббус ва иштироки бевоситаи ӯ Маркази республикавии эҷодиёти бачагон ва дар вилоятҳо музейҳои санъати тасвирӣ ташкил карда шуданд. Вай рассомони ҷавонро мунтазам дастгирӣ мекард. Асарҳои Рӯзи Чориев дар коллексияҳои шахсии музейҳои республика ва мамлакатҳои хориҷа нигоҳ дошта мешаванд.



*“Портрети бибии Зиёда”*



*Тошканд. Баҳор*



*Тирамоҳ дар водии Фарғона*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби 3
# РАНГТАСВИР

**Рангтасвир** – як асари санъати буда, он тавассути рангҳо дар рӯйи сатҳ иҷро карда мешавад. Дар ин намуди санъати тасвирӣ ранг ҷойи асосиро ишғол мекунад.

Рангтасвир вобаста ба самти худ ба намудҳои маҳобатӣ, дастгоҳӣ ва намудҳои дигар ҷудо мешавад. Ҳар яке аз самтҳои рангтасвир аз ҳамдигар бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд.

Рассомон бо ёрии воситаҳои рангтасвир асар меофаранд ва аз имкониятҳои композитсия ҳамеша истифода мебаранд. Ин чунин маъно дорад, ки воситаи асосии ифода дар рангтасвир ранг боқӣ мемонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 17 РАНГИНКАМОН. РАНГҲОИ АСОСӢ ВА ҲОСИЛА. ОМЕХТАИ РАНГҲО

Мо аксар вақт ҳангоми боридани борон рангҳои рангинкамонро мебинем, ки дар осмон ба вуҷуд меоянд.

Рангҳои рангинкамон сурх, норанҷӣ, зард, сабз, нилу, кабуд ва бунафшро дар бар мегиранд.

Сурх, зард ва кабуд рангҳои асосӣ ҳисобида мешаванд. Аз омехтаи рангҳои асосӣ, рангҳои гуногунро ҳосил кардан мумкин аст. Масалан, аз омехтаи рангҳои сурх ва зард норанҷӣ, аз омехтаи рангҳои сурх ва нилу ранги бунафш, аз омехтаи рангҳои зард ва нилу ранги сабз ҳосил мешавад.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои омехтакунии рангҳо

1





2




Дар асоси мавзӯъ ба дафтари машқ расм кор кунед.

1. Номҳои рангҳои рангинкамонро номбар кунед.
2. Рангҳои асосӣ кадомҳоанд?

Дар асоси мавзӯъ расм кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 18

# РАНГҲОИ АХРОМАТИКӢ. КОР КАРДАНИ РАСМИ “ХАРГӮШЧА”

Рангҳои ахроматикӣ ҳам мисли рангҳои асосӣ дар табиат вуҷуд доранд. Онҳо дар сатҳ тобиши ранг надошта, аз рангҳои сафед, хокистарӣ ва сиёҳ иборатанд. Тасвирҳои бо рангҳои ахроматикӣ кор кардашуда, ҳам ба худ хос буда, имкониятҳои васеи санъати тасвириро нишон медиҳанд.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Харгӯшча”

1



2



3



4



Расми “Харгӯшча”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

Кадом рангҳо рангҳои ахроматикӣ мебошанд?

1. Тасвири “Харгӯшча”-ро бо рангҳои ахроматикӣ ранг кунед.
2. Бо рангҳои ахроматикии ихтиёрӣ расм кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 19

# РАНГҲОИ ХРОМАТИКӢ. КОР КАРДАНИ РАСМИ “МОҲИЧА”

Рангҳои хроматикӣ рангҳое мебошанд, ки дар сатҳашон тобиши рангҳо доранд. Рангҳои хроматикӣ ҳама рангҳои гарм ва хунукро дар бар мегиранд.

Дар ин мавзӯъ мо бо истифода аз рангҳои хроматикӣ тасвири “Моҳича”-ро кор мекунем.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Моҳича”

1



2



3



4



Расми “Моҳича”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

1. Кадом рангҳо рангҳои хроматикӣ мебошанд?
2. Рангҳои хроматикиро боз дар кадом ашёҳои дигар дидан мумкин аст?

Бо ёрии рангҳои хроматикӣ тасвири "Моҳича"-ро ранг кунед ва расми дигар кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 20

# РАНГҲОИ ХУНУК. КОР КАРДАНИ РАСМИ “ҚУИ САФЕД”

**Рангҳои хунук** – кабуд, ҳаворанг, сабз, кабуду бунафша, кабуду сабз ва ҳама рангҳое мебошанд, ки аз омехтаи инҳо бармеоянд. Рангҳои хунук дар тасаввури мо дар шакли чизҳое пайдо мешаванд, ки хунукиро меоранд – ях, барф, об, алаф ва ғайра. Дар кор кардани тасвири “Қуи сафед” аз тобишҳои тамоми рангҳои хунук истифода бурданамон мумкин аст. Дар кор кардани расми мазкур аз акварел ё гуаш истифода мебарем.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири "Қуи сафед"




Расми “Қуи сафед”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

Рангҳои хунук кадомҳоанд?

Тасвири “Қуи сафед”-ро аз тобишҳои ҳамаи рангҳои хунук истифода бурда кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 21 РАНГҲОИ ШИРГАРМ. КОР КАРДАНИ РАСМИ “БАЧАИ ПАЛАНГ”

**Рангҳои ширгарм** – сурх, зард, норанҷӣ ва ҳама рангҳое мебошанд, ки ҳадди аққал як қисми ин рангҳоро дар бар мегиранд. Рангҳои ширгарм (илиқ) офтоб, оташ ва ба мисли манбаҳои гармидиҳандаро ба ёд меоранд. Дар кор кардани тасвири “Бачаи паланг” аз тамоми тобишҳои рангҳои ширгарм истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Барои коркарди ин расм аз акварел ё гуаш истифода мебарем.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Бачаи паланг”

1



2



3



4



Тасвири “Бачаи паланг”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

Рангҳои ширгарм кадомҳоанд?

Тасвири "Бачаи паланг"-ро бо тобишҳои тамоми рангҳои ширгарм ранг намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 22

# КОР КАРДАНИ РАСМИ “МУСИЧА”

**Мусича** як парранда аст, ки ба оилаи кабӯтармонандҳо, синфи ғуракҳо мансуб аст. Думаш дароз, нисбат ба дигар кабӯтармонандҳо хурдтар аст. Парҳои қафои танааш якранг буда, дар пушти гардан нимдоираи сиёҳ дорад. Дар Осиёи Миёна васеъ паҳн шудааст, дар наздикии маҳалҳои аҳолинишин зиндагӣ мекунад. Бо тухми растаниҳо, дон ва нонрезаҳо ғизо мегирад.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани расми “Мусича”





Расми “Мусича”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

1. Намуди берунаи мусича чӣ гуна аст?
2. Мусича бо чӣ ғизо мегирад?

Расми “Мусича”-ро дар рангтасвир кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 23

# ПАРРАНДАИ ДЕКОРАТИВӢ. КОР КАРДАНИ РАСМИ “ТОВУС”

**Товус** – мансуби оилаи фазанҳо. Ватани ӯ Осиё ҳисобида мешавад. Товус бо туфайли думи ба чашм монанди дар шакли бодбезак, ки рангаш сабз дар байни паррандагони декоративӣ аз ҳама зеботарин шинохта шудааст.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани расми “Товус”




Расми “Товус”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

Товус ба оилаи кадом паррандаҳо мансуб аст?

Расми “Товус”-ро бо рангҳои ҳосила ранг кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 24

# КОРИ НАЗОРАТИИ 3. КОР КАРДАНИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ “ОЛАМИ ТАБИАТ”

Дар фасли баҳор табиати бедоршуда истодаро бо рангҳои нафис диданамон мумкин. Аз ин рӯ палитраи баҳорӣ аз тобишҳои нарми зерин таркиб меёбад: гулобии равшан, қаҳваранги равшан, сабзи равшан ва монанди инҳо. Барои эҷоди контрасти рангҳо гулобӣ, сурх ва қаҳваранги равшан низ истифода мебаранд.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Олами табиат”

1



2



3



4



Расми “Олами табиат”-ро ба дафтари машқ кор кунед.

Ба фикри шумо баҳор чӣ гуна фасл аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 25

# ТАСВИР КАРДАНИ ТАҒЙИРЁБИИ ДАРАХТОН ДАР ТАБИАТ ВОБАСТА БА ФАСЛҲОИ СОЛ

Ҳар як фасл моро бо рангорангӣ ва беназирии худ шод мегардонад. Дар рангҳо нафисии баҳор, гармию дурахшии тобистон, зарринии тирамоҳ ва нуқрагинии зимистон, зебоии фаслҳо инъикос меёбад. Зимистон мусаффоиро, баҳор зебоӣ ва навсозиро, тобистон гармиву мӯлиро ва тирамоҳ ҳосили фаровонро ифода мекунад.

Дар ин мавзӯъ мо дар давоми сол ба мисоли ривоҷёбии дарахт тиғйирёбии табиатро тасвир мекунем.



## Марҳилаҳои тасвири тағйирёбии дарахтон дар табиат вобаста ба фаслҳои сол

1



2





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3



4





5



Ҳолати тағйирёбии дарахтонро дар табиат вобаста ба фаслҳои сол ба дафтари машқ кор кунед.

1. Фаслҳои сол чандто мебошанд?
2. Фаслҳо аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?

Тасвири дарахтони табиатро, ки мувофиқи фаслҳои сол тағйир меёбанд, ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 26

# РАНГ ВА КАЙФИЯТ. КОР КАРДАНИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ “ИДИ НАВРӮЗ”

**Наврӯз** – ҷашни ободиву навсозии табиат аст. Вай иди хеле қадимӣ аст. Дар арафаи Наврӯз дар кишвари мо сайлҳои гуногун, тантанаҳои идона баргузор мешаванд.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани расми “Иди Наврӯз”

1



2



3



4







Дар мавзӯи “Иди Наврӯз” ба дафтари машқ расм кор кунед.

Наврӯз чӣ гуна ид аст?

Расми “Иди Наврӯз”-ро ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Галина Ли (1945)

Соли 1945 дар шаҳри Кӯкянгаки Ҷумҳурии Қирғизистон таваллуд шудааст. Дар Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод (собиқ ба номи Островский Донишкадаи санъати театрию рассомии Тошканд) таҳсил гирифтааст. Вай аз соли 1967 дар мавзӯи бачагон эҷод мекунад. Солҳои 1969-1984 дар Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи П.Бенков дарс додааст. Вай зиёда ба 100 китоб иллюстратсия кор кардааст.



*“Мусича ва рӯбоҳ”*



*“Зан, калтак!”*



*“Пиноккио”*



*"Моҳичаи сиёҳ"*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Боби 4
# КОМПОЗИТСИЯ

**Композитсия** – маъноҳои бунёди асар, тартиб ва сохтанро ифода мекунад. Композитсия дар ҳамаи намудҳои санъати тасвирӣ офарида мешавад. Композитсия дар графика бо қаламҳои сиёҳ ва ранга, дар ҳайкалтарошӣ бо истифода аз гил ва пластилин, дар рангтасвир бошад, бо ёрии рангҳои гуногун кор карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мавзӯи 27

# КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ ФАЗОӢ ДАР МАВЗӮИ "БАҲОР ДАР КӮҲ"

Дар композитсияи фазоӣ тасвир тасвирҳои пеш, миёна ва фонро дар бар мегиранд. Масалан, дар расми пештараи композитсия мо тасвири дарахти калони гул кардаро мебинем. Дар тасвири мобайни композитсия бошад, хонаҳои хурдтарро диданамон мумкин аст. Дар фони композитсия, яъне дар масофаи дур симои кӯҳҳо диққати моро ба худ ҷалб мекунад.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани композитсияи фазоии “Баҳор дар кӯҳ”

1



2



3



4



Дар мавзӯи композитсияи фазоӣ ба дафтари машқ расм кор кунед.

Композитсияи фазоӣ чист?

Манзараи мураккаб набудаи шаҳр (масалан, намуди зоҳирии манзараи паси тирезаро) тасвир кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 28

# КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯ БО УСУЛИ КОЛЛАЖ ДАР МАВЗӮИ “ПАРВОЗ БА КАЙҲОН”

Ба системаи офтобӣ Офтоб, сайёраҳо, радифи табиии сайёраҳо ва дигар ҷисмҳои кайҳонӣ дохил мешаванд. Офтоб низ ситора буда, дар маркази системаи офтобӣ ҷойгир аст. Сайёраҳо ҷисмҳои азим мебошанд, ки дар атрофи Офтоб давр мезананд. Дар системаи офтобӣ ҳашт сайёра мавҷуд аст.

Сайёрае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, Замин номида мешавад. Замин аз Офтоб аз ҷиҳати дури сайёраи сеюм аст.

## ИН ҶОЛИБ

Чаро шакли сайёраҳо ба квадрат монанд нестанд?

Сайёраҳо аз сабаби қувваи кашиш мудаввар (доирашакл) мебошанд. Ин қувваи махсус ҳама чизро ба марказ мекашад ва кураҳоро ҳосил мекунанд. Аз ин рӯ, сайёраҳо дар шакли квадрат нестанд.

**Дар усули коллаж** ҷараёни кор тавассути ширеш часпонидани расму навиштаҷоти аз газета, журнал ва ғайра буридашуда ба болои тасвири кашидашуда сурат мегирад.

Дар коркарди композитсия коғази ранга, картон, қайчӣ, ҳама гуна ширешро истифода бурдан мумкин аст.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани композитсияи “Парвоз ба кайҳон” бо усули коллаж

1


2


3


4


5


6


7


Композитсия дар мавзӯи “Парвоз ба кайҳон”-ро бо усули коллаж ба дафтари машқ кор кунед.

Коллаж чист?

Бо усули коллаж композитсияро ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 29 СТАТИКА (БЕҲАРАКАТӢ) ВА ДИНАМИКА (ҲАРАКАТ)

**Динамика** чараёни ҳаракатро дар санъати тасвирӣ ифода мекунад.

Масалан:

– тез давидани варзишгарон дар мусобиқа;
– парвози ракета ба кайҳон;
– раванди пойгаи асп;
– варзишгари шино карда истода ва ғайра.

**Статика** ҳолати ором ва беҳаракатиро мефаҳмонад.

Масалан:

– кайҳоннавард;
– ракетае, ки ба парвоз тайёр карда мешавад;
– одами хоб;
– ҳайкали дар боғ гузошташуда ва ғайраҳо.

## Марҳилаҳои кор кардани расми "Ракета парвоз карда истодааст"






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани расми “Кайҳоннавард”




Дар мавзӯи статика ва динамика ба дафтари машқ расм кор кунед.

1. Динамика чист?
2. Статика чист?

Композитсияи дар мавзӯи статика ва динамика кор кардаатонро ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 30 КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР НАМУДИ КУШОДА ВА ПӮШИДА

Дар композитсияи кушода дар фони манзараи табиат ҷонварон ё дигар ашёҳо тасвир шуданашон мумкин аст. Масалан, хирс дар ҷангал, заррофа дар оғӯши табиат, трактор дар саҳро, уқоб дар кӯҳ ва монанди онҳо.

Дар композитсияи пӯшида, тасвир дар дохили хона ё бино мешавад. Масалан, ба монанди шер дар саҳнаи сирк, гулҳои дар токчаи тиреза, кӯза ва меваҳои болои миз.

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Фил ва филча” дар намуди композитсияи кушода









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири “Шер дар сирк” дар намуди композитсияи пӯшида

1


2


3


4


Композитсияи намуди кушода ва пӯшидаро ба дафтари машқ кор кунед.

5


1. Тасвир дар намуди композитсияи кушода чӣ гуна кор карда мешавад?
2. Тасвир дар намуди композитсияи пӯшида чӣ гуна кор карда мешавад?

Композитсияи намуди кушода ва пӯшидаи худро ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 31 РИТМ ДАР КОМПОЗИТСИЯ

**Ритм** - мубодила ва такрори элементҳо бо пайдарпайии муайян мебошад.

Ритм дар композитсияи манзара метавонад, чунин бошад. Масалан, такроршавии рангҳои чанд дарахти сафедор ё ба дарахт афтодани нури офтоб. Тасвири паррандаҳои пайи ҳам ба шохаи дарахт парвозу фуруд омаданаш, дар композитсия ритм ба вуҷуд меоварад. Тасвири бо навбат дон хӯрдани паррандагон низ дар композитсия ритм ҳосил мекунад.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири паррандагон

1



2



3



Дар асоси мавзӯъ композитсияро ба дафтари машқ кор кунед.

1. Ритм чист?
2. Оё ба ритм мисол оварда метавонед?

Композитсияи оғоз намудаатонро ба охир расонед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 32

# КОРИ НАЗОРАТИИ 4. КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ “БОҒИ ҲАЙВОНОТ”

Боғи ҳайвоноти Тошканд соли 1924 таъсис ёфтааст. Шумо дар боғи ҳайвонот, ҷонварон ва паррандаҳои гуногуни нодирро тамошо карданатон мумкин аст. Дар боғи ҳайвонот намудҳои зиёди онҳо мавҷуданд.

## Марҳилаҳои кор кардани тасвири "Боғи ҳайвонот"

1



2




3




4




Дар асоси мавзӯъ композитсияро ба дафтари машқ кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 33

# КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ ПЛАКАТ ДАР МАВЗӮИ “ТАБИАТРО МУҲОФИЗАТ НАМОЕД”

**Плакат** – дар санъати тасвирӣ аҳамияти тарбиявӣ – ғоявӣ дошта, диққати ҳамаро ба мавзӯи интихобшуда ҷалб мекунад.

**Эскиз** – нақшҳое хомакие мебошад, ки барои ёфтани варианти мақбули композитсия пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми кашидани плакат оид ба мавзӯъ, кашидани якчанд вариантҳои эскизӣ талаб карда мешавад. Аз даруни эскизҳо варианти мақбул барои кашидани плакат интихоб карда мешавад.



ТАБИАТРО МУҲОФИЗАТ НАМОЕД!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Марҳилаҳои кор кардани композитсияи плакат дар мавзӯи “Табиатро муҳофизат намоед”

1



2



3



4



Дар асоси мавзӯъ композитсияро ба дафтари машқ кор кунед.

1. Плакат чист?
2. Эскиз чист?

Композитсияи дар синф оғоз кардаи худро ба охир расонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мавзӯи 34

## КОР КАРДАНИ ШРИФТИ КОМПОЗИТСИЯИ ПЛАКАТ ДАР МАВЗӮИ “ТАБИАТРО МУҲОФИЗАТ НАМОЕД”

Ҳангоми навиштани калимаҳо бо шрифт дар плакат ба қоидаҳои зерин риоя намоед:

- ҳарфҳои калимаҳоро шумурда бароед;
- калимаҳоро барои маркази плакат ҷойгир кардан ба мобайни коғаз нуқта гузоред;
- фарз мекунем, ки шумораи ҳарфҳо дар калима даҳто бошад, панҷ ҳарф дар тарафи чапи нуқтаи воридшуда ва панҷ ҳарф ба тарафи рост гузошта мешаванд.

Сипас калимаҳо ба маркази коғаз дуруст ҷойгир мешаванд.








*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ТАБИАТРО МУҲОФИЗАТ НАМОЕД!**

Шрифтҳои композитсияи плакатро дар мавзӯи “Табиатро муҳофизат намоед” ба дафтари машқ кор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Санъати тасвирӣ [Матн]: китоби дарси барои синфи 3-юм / Р. Худойберганов [ва диг.]. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 80 саҳ.

ISBN 978-9943-7813-5-1

УУК 75(075.3)
КБК 85.1Я72
С 28

*O‘quv nashri*

**Rustam Xudayberganov, Tatyana Li, Barno Yunusova,**
**Sarvar Farmonov, Orzu Tashmuxamedova**

# Tasviriy san’at

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining*
*3-sinfi uchun darslik*
*(Tojik tilida)*

Тарҷимон *Ризомат Каримов*
Рассом *Умид Сулаймонов*
Муҳаррир *Элибоев Боходирхон*
Муҳаррири бадеӣ *Сарвар Фармонов*
Муҳаррири техникӣ *Акмал Сулаймонов*
Саҳифабанд-дизайнер *Алимардон Ақилов*

*Дар китоби дарсӣ аз асарҳои омӯзгорон ва донишомӯзони МСМБ- и рақами 18-уми шаҳри Тошканд истифода бурда шуд.*

Эҷодкороне, ки барои бунёди иловаи мобилӣ саҳм гузоштаанд:
*Азизбек Исмоилов, Мақсуд Сайпиев*

Ба чопаш 02.04.2022 имзо шуд. Андозаи 60X84 1/8.
Гарнитураи Arial. Кегели 14 шпондор.
Бо усули офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 9,30. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 6,77.
Теъдоди нашр .......нусха. Фармоиши № ...........

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондоди ҳолати китоби дарсии ба иҷора диҳанда

| № | Ному насаби дониш-омӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноат-бахш | Муқова даридааст ва ба рӯйҳояш хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст. Китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE